# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба унвонҷӯи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна аз рӯйи ихтисоси 13.00.08– Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

**Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:** Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна таҳсилоти миёнаро дар МТМУ №24 ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе гирифтааст. Солҳои 2009-2014 донишҷӯи факултаи технологияҳои иттилоотӣ ва интелекти сунъӣ ихтисоси Таъминоти математики ва барномавии истеҳсолоти автоматикунонишуда (Муҳандис систематехник) Донишгоҳи тенологии Тоҷикистон хатм намудаам. Солҳои 2013-2014 ба ҳайси коргу зори М уасссаи таҳсилоти миёнаи умумии №72 ноҳияи Фирдавси шаҳри Душанбе. Аз соли 2015-2017 ба ҳайси мутахассиси маркази бақайдгирии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Аз 26.08.2019 ассисенти кафедраи илмҳои компютерӣ ва 17.08.2021 тахти №180 то ин ҷониб ассисенти кафедраи методикаи таълими информатикаи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Аз 01.11.2021 то инҷониб ба ҳайси мутахассиси маркази бақайдгири тести ва омори ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ кор ва фаъолият карда истодааст. Фармоиш оид ба ҳайси унвонҷуи дар кафедраи методикаи таълими информатикаи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 22.10.2021, №225.

Аз давраи донишҷӯи то фаъолияти корӣ бо 5 сертификат, 12 ифтихорнома ва 1 сипоснома қадрдони гардидааст. То ба имрӯз 1 дастури методӣ, 5 мақолаи тақризшаванда, 5 мақолаи конференсияи донишгоҳӣ-ҷумҳуриявӣ ба чоп расонидааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна бо унвонии « Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» зери роҳбарии Мирзоев Абдулазиз Раҷабович, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири

кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мебошад.

Солҳои охир диққати Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна проблемаи истифодаи технолгияи иттилооти дар дарсҳои таърих бештар ҷалб намуда буд. Аз ин рӯ дар кори илмӣ таҳқиқотӣ проблемаҳои исстифодаи ТИК –ро дар ҷараёни корҳои таълимию озмоишӣ таъмин намудани ҳамгироии маҳоратҳои касбӣ дар амал тадбиқ намудан ва истифода намудани маҳорат, таҷрибаву малакаҳои адӯхташуда аз ҷониби омӯзгорон ироа гардидааст.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ошко р кардан ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда, ба таври озмоишӣ санҷидани шароитҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар ҷараёни омодагии омӯзгорони фанни таърих, инчунин мутахассисони дигар соҳаҳои фанҳои гуманитарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва Донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф вобаста ба шаҳр ва минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Дар давраи фаъолияти унвонҷӯӣ Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос, ташаббускор, эҷодкор ва навовар муаррифӣ намуда, имтиҳонҳои номзадиашро бомуваффақият супоридааст.

Мақолаҳои илмӣ–методии нашрнамудаи ӯ мундариҷаи асосии дисертатсияро инъикос мекунанд.

Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 18 мақола ба нашр расонидааст, ки 5–тои он дар маҷаллаҳои такризшавандаи Камисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Унвонҷӯ Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна дар конфронсияҳои илмӣ минтақавӣ ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзида бо маърӯзаҳои илмӣ бармад намудааст. Ӯ дар байни ҷомеа, ҳамкорон ва донишҷуён сазовори обрӯю эътибори хоса мебошад.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва истифодаи технологияи иттилоотиро дар корҳои озмоишӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот омӯхтаву таҳлил намуда, бовиҷдонӣ, суботкорӣ, иродаи қавӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятнокиро нишон дод.

Мавзуи рисолаи номзадии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна бо унвонии « Омодасозии омӯзгорониояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» ба талаботи Низомномаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба додани дараҷаиҳои илмӣ пурра мувофиқ буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ; доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

«25» 05 2023

**Маълумот барои тамос:** шаҳри Душанбе, ҳиёбони Борбад 48/5
Тел.+992 2348802, +992918636113; почтаи электронӣ: aziz69@mail.ru

Имзои А.Р. Мирзоев - ро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ ДБССТ Ҷураев Ш.Н.